ТАСДИҚ МЕКУНАМ

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор

__________ Ғаффорӣ Н.У.

"8" ________ соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Кори диссертатсионии Сайдалиева Муҳайё аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ хеле мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир, ки ба ташккули нутқи кӯдак иртибот дошта, онтолигвистика номида мешавад, бахшида шудааст. Илми онтолингвистика асосан шаклгирии овозҳо, ташаккули нутқ ва фаъолияти гуфтории кӯдаконро аз синни якмоҳагӣ то синни шашсолагӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Қобили зикр аст, ки гарчанд дар забоншиносии муосир доир ба мавзӯи баррасишуда корҳои таҳқиқотӣ анҷом дода шуда бошад ҳам, вале ин масъалаи муҳим то кунун аз назари забоншиносони тоҷик дур мондааст. Аз ин лиҳоз рӯ овардани диссертант ба ин мавзӯъ тақозои илми муосир буда, мубрам ва қобили аҳамияти илмӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин зимн зарурати дарки ҳаматарафаи усулҳои фарогири масъала дар шаклгирии овозҳои нутқи кӯдак ва вижагиҳои сарфию наҳвии нутқи кӯдак дар муҳити забони тоҷикӣ муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро асоснок мегардонад.

Ба ин тартиб, ташаккули нутқи кӯдак ва аҳамияти ин пажӯҳиш, пеш аз ҳама, дар омӯзиши фарогирӣ ё фароянди забонӣ ва шаклгирии нутқи кӯдак (пеш аз ҳама, таҳқиқи нутқи кӯдак аз навзодӣ то ба синни шашсолагӣ) дар муҳити забони тоҷикӣ инъикос меёбад. Маҳз асоси назариявии илмии онтолингвистика имкон медиҳад, ки зинаҳои шаклгирии нутқ ва фаъолияти гуфтори кӯдакон муайяну мушаххас шавад.

Дар диссертатсия бори нахуст шаклгирии нутқи кӯдак ба таври густарда ва бунёдӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки аз таваллуд то ба яксолагӣ овозҳои навзодӣ ва кӯдаконаи такрориро дар забоншиносии тоҷик нишон медиҳад. Ғайр аз ин омилҳои фарогири забони кӯдакон, вижагиҳои овозӣ, сарфиву наҳвӣ, луғавӣ ва калимасозиву қаринасозӣ баррасӣ шудааст. Навоварии дигари диссертатсия ин аст, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ба воситаи таҷрибаи хотиранависӣ шаклгирии нутқи кӯдак мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳлилу баррасиҳои бaанҷомрасида имкон медиҳад, ки дар бораи масъалаҳои марбут ба ташаккули нутқи кӯдак ва хусусияти хоси инъикоси номи мафҳумҳо дар нутқи кӯдакон, муайян намудани вижагиҳои силсилавӣ ва пайи ҳам шакл гирифтани овозҳо маълумоти нисбатан комилеро ҳосил намоем.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар муқаддима, тибқи муқаррарот, аҳамияти мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шуда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян ва татбиқи кор тавсиф шудааст.

Диссертант мавзӯи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмӯъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат намудааст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Боби аввали диссертатсия “Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика” унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб – “Пажӯҳиш ва омӯзиши нутқи кӯдак дар забоншиносии Ғарб” диссертант дар заминаи адабиёти назариявӣ таҳқиқотҳои аввалин доир ба ташакули нутқи кӯдакро, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ сурат гирифтаанд, нишон додааст. Ҷусторҳои диссертант нишон медиҳад, ки мавзӯи ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак таърихи беш аз садсола дошта, онро ба давраҳои мушаххас ҷудо кардан имконпазир аст.

Равишҳои омӯзиши ташаккули нутқи кӯдак аз ҷониби олимони рус дар фасли дуюм – “Шинохти  онтолингвистика дар Россия” матраҳ гардида, сайри таърихии онтолингвистика мавриди назархоҳӣ қарор гирифтааст.

Диссертант дар фасли сеюми ин боб – “Шинохти нутқи кӯдак дар забоншиносии тоҷик” оид ба омӯзиши овозҳо, калимаҳо, нутқ, омилҳои нутқи кӯдак андешаҳои мутафаккирону намояндагони адабиёти классикию муосири тоҷикро овардааст. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки масъалаҳои омӯзиши нутқи кӯдакон аз замонҳои пеш боиси таваҷҷӯҳи адибони классикӣ будааст.

Дар боби дуюм, ки “Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак” номида шудааст, масоили муҳими бунёдие чун давраҳои инкишофи нутқи кӯдакон, шаклгирии нутқ, омилҳои нутқ ва қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии иртиботӣ (коммуникативӣ) баррасӣ шудаанд.

Дар фасли якуми ин боб – “Шинохти зинаҳои ташаккули нутқи кӯдак” ҳар давраи инкишофи нутқи кӯдак мутобиқи дастовардҳои илми муосир ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Фасли дуюми ин боб аз ду зерфасл – “Омилҳои шаклгирии нутқи кӯдак” ва “Қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии коммуникативии кӯдак” иборат аст.

Боби сеюми диссертатсия, ки “Таҳлили забонии нутқи кӯдак” ном дошта, дар он вижагиҳои фонетикӣ, таркиби луғавии нутқи кӯдак, маҳорати фарогирии грамматика ва вижагиҳои сарфию наҳвии нутқи кӯдакон баррасӣ шудааст.

Фасли якуми ин боб “Вижагиҳои фонетикии нутқи кӯдак” буда, низоми овозҳои нутқи кӯдакро дар муҳити тоҷикӣ фаро мегирад. Дар нутқи кӯдакон аввал вокалҳо, сипас консонантҳо пайдо мешаванд ва дар марҳилаи баъдӣ кӯдакон ҳиҷоҳоро фарқ мекунанд.

Фасли дуюми боби мазкур “Таркиби луғавии нутқи кӯдак” ном дошта, дар он захираи луғавии кӯдакон дар марҳилаҳои ташаккули нутқ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Грамматикаи нутқи кӯдак дар 3-солагӣ ба шаклгирӣ оғоз мекунад, ки заминаҳояш аз овони даври омӯзишӣ шурӯъ мешавад.

Фасли сеюм – “Маҳорати когнитивии аз худ кардани грамматика”, аз ду фасл иборат аст, ки дар он қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии коммуникативӣ ва маҳорату малакаи забонии кӯдак, ки дар муддати начандон зиёд кӯдакон забонро фаро мегиранд, баррасӣ мешавад. Маълум мегардад, ки малака ва тавонмандии забонӣ дар фарогирии забонӣ нақши муҳим доранд. Кӯдакон назар ба калимаҳои фарогирифтаашон мафҳуму амалу воситаҳои коммуникативиро бештар аз худ мекунанд.

Фасли якум “Вижагиҳои сарфии вожагони нутқи кӯдак” ном дошта, дар он дараҷаи шинохт ва корбурди ҳиссаҳои нутқ дар марҳилаҳои муайяни инкишофи нутқи кӯдакон баён шудааст.

Дар зерфасли “Вижагиҳои наҳвӣ дар нутқи кӯдак”, навъҳои ҷумлаҳои нутқи кӯдак, ки бештарашон ҷумлаҳои саволиву амрӣ ва яктаркибаи феълианд, таҳили сохториву маъноӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, мавзӯи мавриди таҳқиқ ва масалаҳои бамиёнгузоштаи унвонҷӯ илмиву мантиқӣ буда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, ки бо бобу фаслҳои кори илмӣ сахт алоқамандaнд, мушахас ва аниқ ба шакл даровaрда шудааст.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзӯъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули нутқи кӯдакро дар муҳити забони тоҷикӣ илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дорад. Он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди дарки нутқи кӯдакон аз нигоҳи лингвистӣ бахшида шудааст.

Муҳтавои диссертатсия то ҷойе донишҳои назариявӣ доир ба пайдоиш ва инкишофи илми онтолингвистика ва осори илмии дар ин самт таълифшударо фаро гирифта, мавриди таҳлил қарор додааст. Аз ин рӯ, қисми назариявии кор метавонад барои муҳаққиқони забоншиносии равонӣ ва соҳаҳои биология, педагогика, логопедия барои омӯзиш ва муайян кардани мушкилоти шаклгирии нутқи кӯдак ва марҳилаҳои инкишофи он кӯмаки ҳамаҷониба расонад.

Ҳамин тавр, мазмуни диссертатсия ва услуби таълифи кор моро яқин месозад, ки муаллифи он Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна соҳиби қобилияти хуби дарки пажӯҳиш, дорои нерӯи мустақилонаи таҳқиқоти илмӣ, шеваи хоси таҳлилу баррасӣ ва ҷасорати дифо намудани мавқеи худ арзёбӣ

намоем. Нукоти ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонӣ дошта, дар заминаи матни диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки дар пажӯҳишҳои оянда ба инобат гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Камбудиҳои ошкоргардида чунинанд:

1. Дар фасли сеюми боби аввал аз адибони классик бештар андешаҳову мисолҳоро зикр карда ва ба муҳаққиқони муосир камтар таваҷҷуҳ шудааст.

2. Қариб  дар ҳама мавриди овардани иқтибосҳо аз калимаҳои кӯдакона мисолҳо кам ҳастанд ва беҳтар мешуд, ки гӯйиши кӯдакони минтақаҳои гуногун ба назар гирифта мешуданд ва мисолҳо низ таҳлили қолибтареро соҳиб мешуданд.

3. Дар фасли якуми боби дуюм, ки даврабандии ташаккули нутқи кӯдак бахшида шудааст, зимни тақсимоти давраҳо танҳо ба назароти донишмандони рус такя карда мешавад. Хуб мебуд, ки андешаҳои олимону муҳақиқони кишварҳои гуногун дар ин бора низ оварда мешуданд.

4. Дар намунаҳои нутқи кӯдакона, ки б овонависии лотинӣ оварда шудаанд, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

5. Хулосаи кори диссертатсионӣ ниҳоят мухтасар аст ва беҳтар мебуд дар он натиҷаҳои таҳқиқ ба таври густардатар баён мегардиданд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қиммати илмии диссертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Вай бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалияш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (доктор PhD), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он

барои гирифтани барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

Тақриз аз ҷониби муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, номзади илмҳои филологӣ Раҳмонов Б. Н. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ аз 29.12.2020 музокира ва тасдиқ карда шудааст.

Иштирок доштанд 20 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-20, зид-0, бетараф-0.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
назарияи ва амалияи забоншиносӣ
номзади илми филология,
дотсент — Мирбобоев Азизхон

Котиби ҷаласа, ассисент — Зоитова Моҳира

Эксперт, номзади илмҳои
филология — Раҳмонов Бахтиёр

Имзоҳои Мирбобоев Азизхон, Зоитова Моҳира, Раҳмонов Бахтиёрро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ — Назаров Давлатхон

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

7. 01. 2021

Суроғаи муассиса: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 121
тел: 992 (37) 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru
сайт: www.tgpu.tj